## ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**Доктори илмҳои филологӣ, профессор Мақсудов Бадриддин ба диссертатсияи Фатулоҷони Умарзода дар мавзуи «Ҳумоми Табрезӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯ».**

Фатулоҷони Умарзода (шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар соли 2014 факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм карда, соҳиби касби «Филолог. Муаллим» гардидааст. Дар солҳои 2015-2018 дар шуъбаи рӯзонаи аспирантураи назди кафедраи таърихи адабиёти тоҷики ДМТ таҳсил кард. Аз соли 2016 то соли 2019 дар Коллеҷи муҳандисию омӯзгории ш. Душанбе ба ҳайси омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик кор кард. Ҳоло дар вазифаи мудири редаксияи фарҳанги мардуми тоҷики Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик фаъолият дорад.

Фатулоҷони Умарзода дар ҷараёни таҳсили аспирантура ва баъд аз он тавонист худро ба ҳайси як муҳаққиқи ростин, масъул, поквиҷдон, бофаросат, пурҷустуҷӯ ва ҳамзамон, хеле хоксор муаррифӣ намояд. Чунин маълум шуд, ки ӯ дар кори таҳқиқи адабӣ майлу иштиёқи зиёд ва масъулияти баланд дорад. Мавсуф ҳанӯз дар давраи донишҷӯияш нисбат ба таҳқиқи шеъри классикии форсу тоҷик, махсусан, ғазал ва суннатҳои он аз худ рағбати зиёд зоҳир менамуд ва дар ҳамоишҳои илмии донишҷӯён бо гузоришоти ҷолиби илмӣ иштирок мекард. Аз ҳамин хотир, ҷиҳати омода намудани диссертатсияи номзадӣ мавзуи «Ҳумоми Табрезӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯ»-ро интихоб кард.

Дар раванди таҳсили давраи аспирантура ва пас аз он Фатулоҷони Умарзода дар самти таҳқиқи аҳволу ашъори Ҳумоми Табрезӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯ қобилияти хеле хуби таҳқиқ аз худ зоҳир намуд ва ҳамаи маслиҳатҳои илмиро ба эътибор гирифта, масъалаҳои душвору гуногуни марбут ба ғазалҳои Ҳумомро мустақилона ҳаллу фасл мекард. Ҳамчунин, дар иртиботи шеъри классикии форсу тоҷик аз адабиётшиносии ватанию хориҷӣ маводди зиёди назарӣ ҷамъоварӣ карда, раванди таҳаввул ва инкишофи жанри ғазалро дар амали эҷодии шуаро мӯшикофона омӯхт.

Дар натиҷа, мавсуф муваффақ бар он шуд, ки бо далоили муътамад ғазалиёти Ҳумомро аз ҷиҳати таҷассуми ғоя ва бадеият таҳқиқ карда, ҳамзамон, ҳунари шоирии ӯро дар сурудани ғазал аз нигоҳи сохтору эҷоди маъно баррасӣ намояд ва аҳаммияти маърифатию зебоишиносии ғазалҳои вайро ба субут расонад. Он ҳам лозим ба тазаккур аст, ки Фатулоҷони

Умарзода дар илми адабпажӯҳии ватанӣ ва хориҷӣ дар партави таҳқиқи батааннӣ ва равишманди замони ҳозира аввалин шуда мавзуи матраҳнамудаашро ба таври яклухт таҳқиқ кард ва предмети таҳқиқашро ба муомилоти илмӣ ворид намуд. Мавсуф, махсусан, бо омӯзишу баррасии маъниофарӣ ва ҳамчунин, вазн ва орояҳои бадеии ғазалиёти Ҳумом қудрати халлоқияти адабӣ ва мусиқии дохилию канории ғазалҳои шоирро хуб таҳқиқ намуда, тавонист мулоҳизоти хеле ҷолиби илмӣ баён намояд. Инҳо тозатарин ҷанбаҳои кори илмии ин муҳаққиқи ҷавон аст. Фатулоҷони Умарзода дар таҳқиқи худ аз равишҳои илмии замони ҳозир, аз қабили сохторшиносӣ, оморӣ ва таҳлилиро истифода карда, ба натиҷаҳои нави илмӣ ноил гардид, ки дар айният ва дурустии онҳо ҳеч гуна шакку шубҳае вуҷуд надорад.

Баррӯйиҳам, аз шахсияти илмии Фатулоҷони Умарзода ва мутолиаи диссертатсияи ӯ дар мавзуи «Ҳумоми Табрезӣ ва хусусиятҳои бадеию ғоявии ғазалиёти ӯ» метавон ҳукм кард, ки мавсуф як корманди илмии пухтаву расида ва қобил дар назар меояд ва сазовор барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ**:
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи
таърихи адабиёти тоҷики ДМТ Мақсудов Бадриддин

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, к. Бобо Ҳамдамов, 30, ҳуҷраи 9.
Телефон: **(+992) 919-13-98-19**
E-mail: **Maksudov-@mail.ru**.

**Имзои Б. Мақсудовро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э. Ш.
5 июни соли 2024

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj